Тасдиқ шуд бо қарори раёсат
№18 аз феврали соли 2019

# Қоидаҳои

анҷом додани пардохти молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо тавассути Низоми Пардохтҳои интернетии Бонки ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон».

Қоидаҳои мазкур тартиби амали мутақобилаи байни Бонк ва Муассиса ҳангоми анҷом додани амалиёти пардохти молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо тавассути Интернет бо истифодаи мушаххасоти кортҳои пардохтӣ, ки феҳристи онҳо дар Замимаи № 1 ба Қоидаҳои мазкур оварда шудааст, тавассути Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк, инчунин тартиби ҳисоббаробаркуниҳо байни Тарафҳо аз рӯи амалиёти мазкурро муайян менамояд, агар дар Шартномаи ҳамроҳшавӣ ба таври дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Ҳамроҳшавии Иштирокчӣ ба Қоидаҳои мазкур бо роҳи бастани шартномаи ҳамроҳшавӣ ва ба таври бечунучаро дар маҷмуъ ва комилан қабул кардани он тибқи моддаи 467 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дар Қоидаҳои мазкур истилоҳот ва ихтисороти зерин истифода мешаванд:

- Корти пардохтӣ – воситаи пардохти ғайринақдӣ мебошад, ки барои гузаронидани амалиёт бо маблағҳои пулии дар ихтиёри ношир қарордошта тибқи шввртнома байни ношир ва дорандаи корт пешбинӣ шудааст;
- Ношири корт (ношир) – ташкилоти қарзӣ (ё шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзӣ намебошад), ки фаъолияти барориш ва/ё пешниҳоди Кортҳои пардохтиро амалӣ менамояд ва бо муштариён дар бораи анҷом додани амалиёт бо истифодаи кортҳои пешниҳодшуда шартномаҳо мебандад.
- Дорандаи корт - шахси воқеӣ, аз ҷумла, шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад.
- Муштарӣ (Дорандаи корт) - Дорандаи корт, ки пардрхти молҳо/корҳо/хизматрасониҳоро тавассути Интернет-мағозаи Муассиса анҷом медиҳад.
- МП – Маркази протсессингии Бонк, ки ба ҷамъоварӣ, коркард ва ба иштирокчиёни ҳисоббаркуниҳо интиқол додани иттилоот дар бораи амалиёт бо кортҳо машғул мебошад.
- Низомҳои пардохт - низомҳои пардохт, ки кортҳои онҳо барои

пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса дар доираи Қоидаҳои мазкур қабул карда мешаванд. Феҳристи Низомҳои пардохти мазкур дар Замимаи №1 ба Қоидаҳои мазкур оварда шудааст.

- Қоидаҳои Низоми пардохт – маҷмуи ҳуҷҷатҳое, ки фаъолияти аъзои Низоми пардохтро ба танзим медарорад.
- Интернет-мағоза – маҷмааи барномавӣ, ки тавассути воситаҳои электронӣ дар шабакаи Итернет қабул кардани фармоишҳо барои хариди молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳо, интихоби усули пардохти фармоишҳои мазкур (в том числе бо истифодаи карты) ва расонидани молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариёнро таъмин менамояд.
- Интернет-мағозаи Муассиса - Интернет-мағозае, ки Муассиса дар низомҳои иттилоотии Бонк ва МП ба қайд гузоштааст.
- Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП – маҷмааҳои барномавию техникӣ, ки баҳисобгирӣ ва коркарди амалиёти бо истифодаи мушаххасоти корт тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса гузаронидашударо анҷом медиҳанд.
- Амалиёти пардохти фармоиш (амалиёт) - амалиёти пардохти ғайринақдии молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо, ки аз ҷониби муштарӣ бо истифодаи мушаххасоти корт тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса анҷом дода мешавад.
- Авторизатсияи амалиёт – тартиби қабули иҷозат барои гузаронидани амалиёт аз нoшири корт.
- Маблағи фармоиш (маблағи амалиёт) – маблағи баробар ба арзиши молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса бо истифодаи мушаххасоти корт пардохт шуда, барои он Авторизатсияи амалиёт анҷом дода шудааст.
- Ҷуброн – маблағҳои пулӣ, ки аз ҷониби бонк ба Муассиса аз рӯи амалиёти дар доираи Қоидаҳои мазкур гузаронидашуда интиқол дода шудааст.
- Тарифҳо - «Тарифҳои ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» барои хизматрасонии Муассиса» (Замимаи №1 ба Қоидаҳои мазкур).

## 2. Мубодилаи иттилоот

2.1. Мубодилаи иттиллот байни Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк ва Интернет-мағозаи Муассисса дар реҷаи вақти воқеӣ, тибқи «Протоколи амали мутақобилаи иттилоотӣ», ки аз ҷониби Бонк ба Муассиса пешниҳод карда мешавад (минбаъд - «Протокол») ба амал меояд.

## 3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Муассиса

3.1. Муассиса уҳдадор мешавад, ки:

3.1.1. Интернет-мағозаҳои Муассисаро дар Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк ба қайд гирад.

3.1.2. Ба Бонк «Ариза дар бораи хизматрасонии Интернет-мағозаи Муассиса»-

ро (Замимаи №2 ба Қоидаҳои мазкур) бо мақсади бақайдгирии Интернет-мағозаи Муассиса дар Низомҳои иттилоотии Бонк, МП ва Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк пешниҳод намояд.

3.1.3. Риояи талаботҳо ба фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассисаро, ки дар фасли 7 Қоидаҳои мазкур нишон дода шудаанд, таъмин намояд.

3.1.4. Дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ба иуштариён маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- маълумот дар бораи феҳристи кортҳо, ки бо истифодаи онҳо пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо анҷом дода мешавад;
- маълумот дар бораи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, ки аз ҷониби Муассиса фурӯхта/иҷро/пешниҳод карда мешаванд (номгӯи молҳо/корҳо/хизматрасониҳоро, тавсифи онҳо, нархҳо ва ғ.);
- маълумот дар бораи тартиби барасмиятдарорил фармоиш ва пардохти молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо бо истифодаи мушаххасоти кортҳо;
- маълумот дар бораи ҳудудҳои муқарраршудаи авторизатсия, дар ҳолате ки онҳо аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудаанд;
- маълумот дар бораи тартиби пешниҳоди молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён;
- маълумот дар бораи тартиби бекоркунии амалиёти пардохти фармоиш, ки бо истифодаи мушаххасоти корт анҷом дода шудааст, инчунин дар бораи тартиби ба дорандаи корт бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ барои фармоишҳои бекоршуда;
- маълумот дар бораи тартиби бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳое, ки бо ёрии мушаххасоти корт пардохт шудаанд, инчунин да бораи тартиби ба дорандаи корт бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ барои амалиёти бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳо;
- маълумот дар бораи маълумоти тамосии Муассиса (телефон, суроғаи ҷойгиршавӣ/суроғаи почта, суроғаи электронӣ).

3.1.5. Бидуни мувофиқа бо Бонк, дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса маълумотеро, ки бо тартиби ҳисоббаробаркуниҳо бо дорандагони корт аз рӯи амалиёти падохти фармоишҳо, бекоркунии пардохти фармоишҳо, амалиёти бозпас баргардонидани молҳо/корҳо/хизматрасониҳо алоқаманд аст, ҷойгир нанамояд.

3.1.6. Ҳангоми гирифтани дархости хаттии Бонк (бо факс/почта/почтаи электронӣ) ба Бонк (аз ҷумла то оғози бақайдгирии Интернет-мағозаи Муассиса дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП), дар муҳлати на дертар аз 2 рӯзи корӣ пас аз қабули огоҳиномаи дахлдор, тавсифи тартиби фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо бо истифодаи мушаххасоти кортҳоро пешниҳод намояд, ки дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ҷойгир карда мешавад.

3.1.7. Ҳангоми гирифтани дархости хаттии дахлдори Бонк (бо

факс/почта/почтаи электронӣ), дар муҳлати на камтар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи қабули огоҳиномаи мазкур, ворид намудани тағйирот ба феҳристи кортҳоеро, ки бо истифодаи онҳо пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса анҷом дода мешавад ва дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса нишон дода мешаванд, таъмин намояд.

3.1.8. Мустақилона ва аз ҳисоби худ мавҷудияти каналҳои алоқаро, ки барои анҷом додани амали мутақобилаи иттилоотӣ байни Интернет-мағозаи Муассисса ва Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк зарур мебошанд, таъмин намояд.

3.1.9. Интиқоли паёмҳои электрониро, ки дорои дархостҳо оид ба пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо бо истифодаи мушаххасоти кортҳо аз Интернет-мағозаҳо мебошанд, бо мақсади интиқоли минбаъдаи чунин дархостҳо ба МП барои гузаронидани авторизатсияи амалиёт таъмин намояд.

3.1.10. Дар Интернет-мағозаҳои Муассиса қабули паёмҳои электрониро аз Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк бо натиҷаҳои авторизатсияи амалиёт, ки аз МП қабул шудаанд, таъмин намояд.

3.1.11. Ҳангоми амали мутақобилаи иттилоотӣ байни Интернет-мағозаи Муассисса ва Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк ҳифзи иттилоотро аз дастрасии беиҷозат таъмин намояд.

3.1.12. Дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ба муштариён пешниҳод намудани маълумот дар бораи амалиёти гузаронидаи онҳоро (тибқи б.7.5. Қоидаҳои мазкур) таъмин намояд.

3.1.13. Иҷро шудани тартиби пешниҳоди молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён, тартиби бекоркунии амалиёти пардохти фармоиш, инчунин тартиби бозпас гардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳоро, бо назардошти шартҳое, ки дар фаслҳои 8-10 Қоидаҳои мазкур баён шудаанд, таъмин намояд.

3.1.14. Нигоҳдории иттилоот оид ба оид ба амалиёти пардохти молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо, амалиёти бекоркунии пардохти фармоишҳо, амалиёти бозпас гардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳоро, ки бо истифодаи мушаххасоти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса анҷом дода шудаанд, дар муддати на камтар аз 5 сол аз лаҳзаи анҷом додани амалиёт таъмин намояд, инчунин риояи қонунгузорӣ дар бораи маълумоти шахсиро дар доираи амалиёти дар боло зикршудаи муштариён таъмин намояд.

3.1.15. Тибқи дархости хаттии Бонк, ба Бонк маълумот дар бораи амалиёти тавассути Интернет-мағозаи Муассиса анҷомёфта, инчунин маълумоти дигари бо амалиёти мазкур алоқамандро (минбаъд - Ҳуҷҷатҳо), дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид шудани дархости мазкур ба Муассиса пешниҳод намояд.

3.1.16. Ба Бонк барои аз назар гузаронидани саҳифаҳо дар сомонаҳои Интернет-мағозаҳои Муассиса, ки бақайдгирии махсусро талаб

менамоянд, ҳуқуқ дастрасӣ фароҳам орад.

3.1.17. Ба Бонк барои гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо бо Низомҳои пардохт ва дорандагони корт оид ба амалиёти пардохти молҳо/корҳо/хизамтрасониҳо бо истифодаи мушаххасоти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса ҳаққи хизмат (тибқи Тарифҳо) пардохт кунад, инчунин тибқи фасли 11 Қоидаҳои мазкур бо Бонк ҳисоббаробаркуниҳои дигарро анҷом диҳад.

3.2. Муассиса ҳақ дорад, ки:

3.2.1. Мустақилона татриби аз ҷониби муштариён дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ворид намудани иттилоотеро, ки барои барасмиятдарории фармоишҳо оид ба пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо бо истифодаи мушаххасоти кортҳо заруранд (ба истисной ҳолатҳое, ки, дар б.7.2. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд), муайян намояд.

3.2.2. Мустақилона тартиби (усулҳо ва мӯҳлатҳои) ба муштариён пешниҳод намудани молҳо/корҳо/хизматрасониҳоеро, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса пардохт шудаанд (ба истисной ҳолатҳое, ки дар б.8.1. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд), муайян намояд.

3.2.3. Мустақилона тартиби (усулҳо ва мӯҳлатҳои) бозпас гардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳоеро, ки бо ёрии кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса пардохт шудаанд, муайян намояд.

## 4. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Бонк

4.1. Бонк ухдадор мешавад, ки:

4.1.1. Ба Муассиса дар бораи категорияҳои молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, ки фурӯшашон тавассути Интернет бо истифодаи мушаххассоти кортҳо тибқи Қоидаҳои Низомҳои пардохт манъ карда шудааст, маълумот диҳад.

4.1.2. Интернет-мағозаҳои Муассисаро дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП тибқи тартибе, ки дар фасли 6 Қоидаҳои мазкур муқаррар карда шудааст, анҷом диҳад.

4.1.3. Ба МП ворид шудани паёмҳои электронӣ аз Интернет-мағозаи Муассисаро бо дархостҳо оиди авторизатсияи амалиёт (тавассути Низоми пардохтҳои интернетии Бонк) таъмин намояд.

4.1.4. Тасдиқи шабонарӯзии амалиётеро, ки тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса гузаронида мешаванд (ба истисной ҳолатҳое, ки дар банди п.п. 12.2., 12.3., 13.2., 14.2. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд) таъмин намояд.

4.1.5. Интиқоли паёмҳои электрониро бо натиҷаҳои авторизатсияи амалиёт аз МП ба Интернет-мағозаи Муассиса (тавассути Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк) таъмин намояд.

4.1.6. Ҳангоми амали мутақобилаи иттилоотӣ байни Интернет-мағозаи Муассисса ва Низоми Пардохтҳои интернетии Бонк ҳифзи иттилоотро аз дастрасии беиҷозат таъмин намояд.

4.1.7. Бо Низомҳои пардохт ва дорандагони корт аз рӯи амалиёте, ки бо истифодаи мушаххасооти кортҳо дар доираи Қоидаҳои мазкур (тибқи Қоидаҳои Низомҳои пардохт) гузаронида мешаванд, ҳисоббаробаркуниҳо анҷом диҳад.

4.1.8. Ба Муассиса барои амалиёти пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, ки бо истифодаи мушаххасооти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса анҷом дода шудаанд, Ҷуброн интиқол диҳад, инчунин тибқи тартиби дар фасли 11 Қоидаҳои мазкур зикршуда бо Муассиса ҳисоббаробаркуниҳои дигар анҷом диҳад.

4.2. Бонк ҳуқуқ дорад, ки:

4.2.1. Ба Низомҳои пардохт маълумоти марбут ба мушаххасоти Муассисаро (суроғаи ҷойгиршавӣ/суроғаи почта, рақами телефон/факс, суроғаи почтаи электронӣ/сомона, мушаххасоти бонкӣ ва ғайра) бо мақсади истифодаи маълумоти мазкур дар барномаҳои Низомҳои пардохт оид ба таъмини бехатарӣ ва пешгириии қаллобӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет пешниҳод намояд.

4.2.2. Аз Муасиса талаб кунад (аз ҷумла то оғози бақайдгирии Интернет-мағозаҳои он дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП), ки тавсифи тартиби пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, тартиби ба муштариён пешниҳод намудани молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, инчунин тартиби бекор кардани амалиёти пардохт барои фармоишҳо ва бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳоро, ки дар сомонаи Интернет-мағозаи Корхона ҷой дода мешаванд, пешниҳод намояд.

4.2.3. Ба тариқи якҷониба ба феҳристи кортҳое, ки бо истифодаи онҳо пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Корхона (Замимаи №1 ба Қоидаҳои мазкур) амалӣ карда мешавад, бо додани огоҳии хаттӣ дар ин бобат ба Муассиса, дар муҳлати 5 рӯзи корӣ пеш аз эътибор пайдо кардани тағйироти мазкур, тағйирот ворид намояд.

4.2.4. Ба тариқи якҷониба шакли Замимаҳо ба Қоидаҳои мазкурро, бо ирсол намудани огоҳӣ ба Муассиса (бо факс/почта/почтаи электронӣ) тағйир диҳад, ки дар ин маврид шаклҳои нав аз лаҳзаи қабули онҳо аз ҷониби Муассиса эътибор пайдо мекунанд.

4.2.5. Таҳқиқи далелҳои қаллобӣ ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи мушаххасооти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса ва инчунин амалиётеро, ки қонунияташон шубҳаовар аст, анҷом диҳад, аз ҷумла имконияти боздиди кормандони ваколатдори Бонк аз макони ҷойгиршавии Муассиса ва имконияти гузаронидани пурсиши кормандони он.

## 5. Бақайдгирии Интернет-мағозаи Муассиса

5.1. Барои бақайдгирии Интернет-мағозаи Муассиса дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП, Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк шакли бо тартиби муқарраршуда тартибдодашудаи «Ариза оид ба хизматрасонии Интернет-мағозаи Муассиса (Замимаи №2 ба Қоидаҳои мазкур, минбаъд - «Ариза»), инчунин Замимаи №3 ба Қоидаҳои мазкурро («Категорияҳои молҳо/корҳо/хизматрасониҳо, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса ба фурӯш бароварда мешаванд» (минбаъд – «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо»)) пешниҳод намояд.

5.2. Пас аз гирифтани «Ариза» ва «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо», Бонк маълумоти дар ҳуҷҷатҳои мазкур овардашударо месанҷад ва дар бораи имконияти бақайдгирии Интернет-мағозаи дар Ариза нишондодашуда дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП қарор қабул мекунад.

5.3. Дар ҳолати қабул шудани қарори мусбӣ оид ба имконияти бақайдгирии Интернет-мағозаи дар Ариза нишон додашуда дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП, Бонк бақайдгирии мазкурро дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз рӯзи ба Бонк ворид шудани Ариза анҷом медиҳад.

5.4. Бонк ҳақ дорад, ки бақайдгирии Интернет-мағозаи Муассисаро дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП бидуни шарҳ додани сабабҳо рад намояд.

5.5. Дар ҳолати тағйир ёфтани параметрҳои Интернет-мағозаи Муассиса, ки дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП ба қайд гирифта шудааст, Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк «Ариза оид ба тағйирёбии параметрҳои Интернет-мағозаи Муассиса»-ро (Замимаи №3 ба Қоидаҳои мазкур) бо нишон додани параметрҳои нави Интернет-мағозаи Муассиса пешниҳод намояд. Пас аз гирифтани Аризаи мазкур, Бонк ворид намудани тағйироти мувофиқро ба Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули аризаи мазкур таъмин менамояд.

## 6. Талаботҳо ба фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса.

6.1.1. Муассиса уҳдадор аст, ки риояи талаботҳои зерин ба фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаҳои Муассисаро таъмин намояд:

6.1.2. Тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса ба фурӯш набаровардани молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки фурӯшашон тибқи қонунгузории ҶТ манъ аст ва инчунин молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки фурӯшашон тавассути Интернет тибқи Қоидаҳои Низомҳои пардохт манъ аст.

6.1.3. Таъмин намудани мутобиқати маълумот дар бораи категорияҳои молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса, ки Бонк онро дар намуди «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо» ба Муассиса пешниҳод намудааст, ва маълумот дар бораи категорияҳои молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассисаи мазкур ҷой дода шудаанд.

6.1.4. Дар ҳолати тағйир ёфтани категорияҳо ё тавсифи

молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки барои Муассиса дар «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо» нишон дода шудаанд, бо пешниҳод намудани «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо»-и нав дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ то эътибор пайдо кардани тағйироти мазкур ба Бонк дар ин бора хабар медиҳад.

6.1.5. Бо дархости Бонк аз «Феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳо», ва инчунин аз сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса номгӯи молҳо/корҳо/хизматрасониҳои нишондодаи Бонкро (агар фурӯши чунин молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тибқи қонунгузории ҶТ ва/ё Қоидаҳои Низомҳои пардохт манъ бошад) дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани огоҳии хаттии мувофиқи Бонк хориҷ менамояд.

## 7. Тартиби гузаронидани амалиёт

Пас аз ба даст овардани дастрасӣ ба Интернет-мағозаи Муассиса, муштарӣ молҳо/корҳо/хизматрасониҳоро интихоб мекунад ва фармоиш барои хариди молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳоро ба расмият медарорад (минбаъд - Фармоиш).

Феҳристи иттилооте, ки муштариён дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ҷой медиҳанд ва барои тартиб додани фармоишҳо барои хариди молҳо/иҷрои корҳо/пешниҳоди хизматрасониҳо зарур мебошад, аз ҷониби Муассиса муқаррар карда шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ тағйир дода мешавад, ба истисноӣ шарти зерин: Муассиса ҳуқуқ надорад, ки аз муштарӣ талаб намояд, ки дар сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса ҳама гуна маълумотро оид ба мушаххасоти кортҳо (рақами корт, мӯҳлати амал, PIN, CVV2 ва иттилооти дигари дар рӯи корт нишон додашуда) ворид намояд, ҳама гуна маълумоти марбут бо мушаххасоти кортро коркард ва ҳифз намояд.

Пас аз барасмиятдарории бомуваффақияти фармоиш, муштарӣ усули бо ёрии корт пардохт намудани фармоишро интихоб менамояд ва барои ворид кардани мушаххасоти корт аз Интернет-мағозаи Муассиса ба Низоми пардохтҳои интернетии Бонк гузаронида мешавад. Феҳристи мушаххасоти корт, ки муштарӣ ҳангоми амалӣ кардани пардохтҳо тавассути Интернет ворид менамояд, тибқи Қоидаҳои Низомҳои пардохт муқаррар карда мешавад.

Пас аз бомуваффақият ворид намудани мушаххасоти корт аз ҷониби Муштарӣ дар Низоми пардохтҳои интернетии Бонк, ки барои амалӣ сохтани пардохт тавассути Интернет заруранд, аз Низоми пардохтҳои интернетии Бонк ба МП дархости электронӣ оид ба авторизатсияи амалиёт фиристода мешавад. Натиҷаҳои авторизатсия аз МП ба Низоми пардохтҳои интернетии Бонк барои пешниҳод ба муштарӣ интиқол дода мешаванд. Дар ин маврид: дар сурати мусбӣ будани натиҷаи авторизатсияи амалиёт (аз ношири корт гирифтани рамзи авторизатсия), муштарӣ бояд дар бораи пардохти бомуваффақияти фармоиш огоҳинома гирад; дар сурати гирифтани натиҷаи манфии авторизатсияи амалиёт (аз ношири корт гирифтани радди авторизатсияи амалиёт), муштарӣ бояд дар бораи имконпазир набудани гузаронидани пардохти фармоиш бо истифодаи

корти мазкур огоҳинома гирад.

Пас аз пардохти бомуваффақияти фармоиш бо истифодаи мушаххасоти корт дар Низоми пардохтҳои интернетии Бонк, муштарӣ ба сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса гузаронида мешавад, ки дар онҷо ба вай дар бораи амалиёти гузаронидааш бояд маълумоти зерин дода шавад:

• номи Интернет-мағоза;

• рӯйхати молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки бо ёрии мушаххасоти корт пардохт карда шудаанд;

• суроғаи сомонаи Интернет-мағоза

• рақами Фармоиш;

• тартиби ба муштарӣ пешниҳод намудани молҳо/корҳо/хизматрасониҳо;

• рӯзи амалиёт;

• арзиши Фармоиш;

• тартиби бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳо;

• ному насаби муштарӣ;

• тартиби бекор кардани пардохти Фармоиш

• рамзи авторизатсия;

Муассиса бояд барои муштарӣ имконияти чоп кардани маълумоти дар боло зикршударо бо мақсади истифодаи минбаъда аз ҷониби муштарӣ ҳангоми қабули молҳо/корҳо/хизматрасониҳои тавассути Интернет-мағозаи Муассиса харидашуда, ва инчунин дар ҳолати ба миён омадани даъвоҳо аз ҷониби муштарӣ нисбат ба амалиёти гузаронидашуда фароҳам орад.

## 8. Шартҳои ба муштариён пешниҳод намудани молҳо/хизматрасониҳо

8.1. Аз ҷониби Муассиса пешниҳод намудани молҳо/корҳо/хизматрасониҳо ба муштариён танҳо дар сурати натиҷаи мусбӣ додани авторизатсияи амалиёт сурат мегирад.

## 9. Шартҳои бекор кардани пардохти Фармоишҳое, ки бо истифодаи кортҳо анҷом дода шудаанд.

9.1. Муассиса бояд барои муштариён имконияти бекор кардани (аз эътибор соқит кардани) амалиёти пардохти Фармоишро то пешниҳод намудани молҳо/корҳо/хизматрасониҳо ба муштарӣ (иҷрои Фармоиш аз ҷониби Муассиса) фароҳам орад. Аз ҷониби муштарӣ бекор кардани амалиёти пардохти Фармоиш пас аз иҷрои Фармоиш аз ҷониби Муассиса иҷозат дода намешавад.

9.2. Тартиби бекор кардани амалиёти пардохти Фармоиш аз ҷониби муштариро (мӯҳлатҳо ва тарзҳо) Муассиса мустақилона муайян менамояд, ба истиснои шартҳои зерин:

• бекор кардани амалиёти пардохти Фармоиш аз ҷониби муштарӣ метавонад дар рӯзи тақвимии дилхоҳ (аз ҷумла рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ҷашн), то лаҳзаи иҷрои Фармоиш аз ҷониби Муассиса сурат гирад.

- бекор кардани амалиёти пардохти Фармоиш, ки бо истифодаи мушаххасоти корт гузаронида шудааст, аз ҷониби муштарӣ метавонад танҳо ба маблағи пурраи Фармоиш сурат гирад, ба бекоркунии нопурра роҳ дода намешавад.

9.3. Пас аз бомуваффақият анҷом ёфтани амалиёти бекоркунии пардохти Фармоиш, Муассиса уҳдадор аст, ки ба муштарӣ дар сомонаи Интернет-мағоза маълумотеро пешниҳод намояд, ки далели бекор кардани амалиёти пардохти Фармоишро, бо нишон додани рақами Фармоиш, маблағи Фармоиш, рӯзи барасмиятдарории бекоркунии пардохти Фармоиш ва шартҳои ба муштарӣ бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ тасдиқ кунад, ва инчунин барои муштарӣ имконияти чоп кардани чунин маълумотро муҳайё созад.

9.4. Маълумот оид ба амалиёти бекор кардани пардохти фармоишҳо ба Муассиса дар МП тавассути Бонк интиқол дода мешавад. Тартиб ва шакли пешниҳоди маълумоти мазкур дар «Протокол» муайян карда шудааст.

## 10. Шартҳои бозпас баргардонидани молҳо /даст кашидан аз хизматрасониҳо.

10.1. Тартиби (усулҳо ва муҳлатҳои) аз ҷониби муштарӣ ба Муассиса бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидани муштарӣ аз корҳо/хизматрасониҳои Муассисаро Муассиса мустақилона муайян менамояд.

10.2. Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ ба Муассиса бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидани муштарӣ аз корҳо/хизматрасониҳои Муассиса, ки бо истифодаи мушаххасоти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса пардохт шудаанд, қисман бозпас баргардонидани молҳо /даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳое, ки ба фармоиш дохил мешаванд, иҷозат дода мешавад.

10.3. Маълумот оид ба амалиёти аз ҷониби муштариён бозпас гардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳо ба Муассиса дар МП тавассути Бонк интиқол дода мешавад. Тартиб ва шакли пешниҳоди маълумоти мазкур дар «Протокол» муайян карда шудааст.

## 11. Ҳисоббаробаркуниҳо

11.1. Тартиби ҳисоббаробаркунӣ

11.1.1. Тамоми ҳисоббаробаркуниҳо байни Бонк ва Муассиса дар доираи Қоидаҳои мазкур бо сомонӣ амалӣ карда мешаванд.

11.1.2. Бонк ба Муассиса аз рӯи амалиёте, ки барои онҳо аз МП рамзи авторизатсия гирифта шудааст (ба истисноиҳолатҳое, ки дар банди п. 11.1.6. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд), дар муҳлати на дертар аз ду рӯзи корӣ аз рӯзи коркарди авторизатсияи амалиёт аз ҷониби Бонк, ҷуброн интиқол медиҳад. Ҷуброн ба суратҳисоби Муассиса (минбаъд – Суратҳисоби Муассиса), ки дар шартномаи ҳамроҳшавӣ нишон дода шудааст, интиқол дода мешавад. Ҳисоббаробаркуниҳо дар асоси

иттилоот дар бораи амалиёте, ки дар Интернет-мағозаҳои дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП мавҷудбудаи Муассиса гузаронида шудаанд, анҷом дода мешаванд.

11.1.3. Барои аҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо бо Низомҳои пардохт ва дорандагони корт аз рӯи амалиёте, ки бо истифодаи мушаххасоти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса гузаронида шудаанд, Бонк аз Муассиса тибқи Тарифҳо ҳаққи хизмат меситонад. Ҳаққи хизмати мазкур аз ҷониби Бонк аз маблағи ҷуброни ба Муассиса тибқи б.11.1.2 интиқолдодашаванда нигоҳ дошта мешавад.

11.1.4. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумоте, ки аз рӯи он ба Муассиса барои амалиёти гузаронидашуда ҷуброн интиқол дода мешавад, Муассиса уҳдадор аст, ки дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ то рӯзи эътибор пайдо кардани маълумоти нав, ба Бонк ба таври хаттӣ дар ин бора хабар диҳад. Дар акси ҳол, Бонк барои интиқоли Ҷуброн ба Муассиса дар муҳлатҳои дар б. 11.1.2. Қоидаҳои мазкур муқарраршуда масъул нест.

11.1.5. Аз ҷониби Бонк интиқол додани Ҷуброн ба Муассиса аз рӯи амалиёт ҳисоббаробаркунии ниҳоӣ бо Муассиса ба ҳисоб намеравад. Дар ҳолатҳое, ки дар бандҳои 11.2. 11.3. 11.4. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, Бонк ҳақ дорад, ки аз Муассиса талаб кунад, ки маблағҳои пулиро ба маблағи дар бандҳои дахлдори Қоидаҳои мазкур зикршуда бозпас баргардонад.

11.1.6. Бонк ҳақ дорад, ки аз рӯи амалиёте, ки барои онҳо рамзи авторизатсия гирифта шудааст ва дар Интернет-мағозаҳои Муассиса гузаронида шудаанд, вале дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП ба қайд гирифта нашудаанд, ба Муассиса ҷуброн интиқол надиҳад.

11.2. Тартиби ҳисоббаробаркунӣ дар ҳолати бекор кардани пардохти Фармоишҳо ва бозпас баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/ хизматрасониҳо:

11.2.1. Агар, аз рӯи амалиёте, ки барои он Бонк ба Муассиса ҷуброн интиқол додааст, бекор кардани пардохти Фармоишҳо ва бозпас баргардонидани молҳо /даст кашидан аз корҳо/ хизматрасониҳо сурат гирифта бошад, Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк маблағҳои пулиро ба андозаи арзиши Фармоиши бекоршуда/молҳо/корҳо/хизматрасониҳои аз ҷониби муштарӣ баргардонидашуда бозпас баргардонад. Аз ҷониби Муассиса бозпас баргардонидани маблағҳои пулии мазкур ба Бонк тибқи банди 11.4. Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

11.2.2. Бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ ба муштарӣ ҳангоми бекор кардани амалиёти пардохти Фармоиш/дар ҳолати аз ҷониби муштарӣ ба Муассиса бозпас баргардонидани молҳо /даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк амалӣ карда мешавад. Бозпас баргардонидан ба таври ғайринақдӣ, ба дорандаи корте, ки бо истифодаи он пардохт барои молҳо/корҳо/хизматрасониҳо (тибқи Қоидаҳои Низомҳои пардохт) анҷом дода шудааст, дар асоси иттилоот оид ба амалиёти бекор кардани пардохти Фармоиш/бозпас

баргардонидани молҳо/даст кашидан аз корҳо/хизматрасониҳо, ки дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП мавҷуданд, амалӣ карда мешавад.

11.3. Тартиби ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиёти мавриди баҳс, кор бо даъвоҳо:

11.3.1. Агар, аз рӯи амалиёте, ки барои он ба Муассиса Ҷуброн интиқол дода шудааст, минбаъд аз ҷониби ношири корт/дорандаи корт ба Бонк даъво пешниҳод карда шавад (минбаъд — амалиёти мавриди баҳс), Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк маблағҳои пулиро ба маблағи аз ҷониби ношири корт/дорандаи корт мавриди баҳс қарорёфта (минбаъд – маблағи мавриди баҳс) баргардонад. Бозпас баргардонидани маблағҳои пулии дар боло зикршуда ба Бонк тибқи тартиби дар фасли 11.4. Қоидаҳои мазкур муқарраршуда сурат мегирад.

11.3.2. Ҳисоббаробаркуниҳо байни Тарафҳо аз рӯи амалиёти мавриди баҳс дар асоси иттилоот оид ба ин гуна амалиёт, ки дар дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП мавҷуданд, амалӣ карда мешаванд.

11.3.3. Пас аз анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ байни Тарафҳо аз рӯи амалиёти мавриди баҳс тибқи б. 11.3.1. Қоидаҳои мазкур, Бонк аз рӯи чунин амалиёт корҳои даъвоиро (мурофиа) ба тариқи зайл иҷро мекунад:

- тибқи тартибе, ки дар Қоидаҳои Низоми пардохт барои корҳои даъвоӣ муқаррар шудааст (тартиби бозпас баргардонидани пардохтҳо - «chargebacks») - дар ҳолате, ки амалиётро ношири корти беруна мавриди баҳс қарор медиҳад;
- бо роҳи мубодилаи мактубҳо байни Тарафҳо - дар ҳолате, ки амалиётро дорандаи корт, ки дар Низомҳои иттилоотии Бонк ва МП ба қайд гирифта шудааст, мавриди баҳс қарор медиҳад.

11.3.4. Ҳангоми анҷом додани мурофиа оид ба амалиёти мавриди баҳс Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк тибқи тартиби дар б. 3.1.15. Қоидаҳои мазкур зикршуда Ҳуҷҷатҳо пешниҳод намояд.

11.3.5. Қарор дар бораи имконияти ба Муассиса интиқол додани маблағи амалиёти мавриди баҳс аз ҷониби Бонк дар асоси натиҷаҳои мурофиа ва Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муассиса, инчунин маълумоте, ки Бонк аз Низоми пардохт/ношири корт гирифтааст, қабул карда мешавад.

11.3.6. Дар ҳолати аз ҷониби Бонк қабул шудани қарори мусбӣ оиди ба Муассиса такроран интиқол додани маблағи амалиёти мавриди баҳс, маблағи мазкур ба Суратҳисоби Муассиса интиқол дода мешавад.

11.3.7. Дар ҳолати дар ҷараёни корҳои даъвоӣ аз ҷониби Муассиса ба Бонк пешниҳод нашудани Ҳуҷҷатҳо оид ба амалиёти мавриди баҳс (тибқи б.4.1.15. Қоидаҳои мазкур) Бонк ҳақ дорад, ки маблағи амалиёти мавриди баҳсро ба Муассиса такроран интиқол надиҳад.

11.4. Ҳисоббаробаркуниҳо ва шартҳои дигар:

11.4.1. Тавассути Қоидаҳои мазкур Муассиса ба Бонк ҳуқуқ медиҳад, ки маблағҳои пулиро дар ҳолатҳои дар б.б. 11.4.2., 11.4.5. Қоидаҳои мазкур зикршуда, аз Суратҳисоби Муассиса, инчунин аз суратҳисобҳои дигаре, ки чӣ дар Бонк ва чӣ дар ташкилотҳои қарзии дигар кушода шудаанд,

бо роҳи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо/талабҳои (пардохтии) дахлдор ё худ супориши гирандаи маблағҳои пулӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, ки анҷомдиҳии амалиёти ғақринақдӣ дар Ҷумҳуриии Тоҷикистонро танзим менамоянд (интиқоли маблағҳои пулӣ), хориҷ кунад.

11.4.2. Аз ҷониби Муассиса ба Бонк бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ дар ҳолатҳое, ки дар б.б. 11.2.1., 11.3.1. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, аз ҷониби Муассиса пардохт кардани фоизҳо/ҷаримаҳо дар доираи Қоидаҳои мазкур, инчунин ба Бонк бозпас баргардонидани маблағҳои саҳван ба Муассиса интиқол додашуда бо роҳи аз ҷониби Бонк нигоҳ доштани маблағҳои лозимӣ аз ҳисоби Ҷуброне, ки ба Муассиса интиқол дода мешавад/ ё худ тибқ тартиби дар б. 11.4.1. Қоидаҳои мазкур пешбинишуда сурат мегирад. Дар ин ҳолат, аз рӯи амалиёти бекоркунӣ/бозпас баргардонидан/амалиёти мавриди баҳс, ҳаққи хизмате, ки Бонк қаблан ҳангоми интиқоли ҷуброн ситонидааст, ба Муассиса баргардонида намешавад.

11.4.3. Тавассути Қоидаҳои мазкур Муассиса уҳдадор мешавад, ки ба ташкилотҳои қарзӣ, ки дар онҳо Муассиса суратҳисоб кушодааст, аксепти пешакӣ содиршударо нисбати талабҳои пардохтӣ, ки Бонк ба суратҳисобҳои бонкии Муассиса, ки дар ташкилотҳои қарзии дигар кушода шудаанд, аз рӯи уҳдадориҳо, дар мухлатҳо ва ҳолатҳои дар Қоидаҳои мазкур пешбинишуда, пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат, аксепти мазкур бидуни маҳдуд сохтани шумораи талабҳои Бонк ба ҳайси кредитор, ки метавонанд тибқи шартҳои Қоидаҳои мазкур аз ҷониби Бонк пешкаш карда шаванд ё пешкаш карда хоҳанд шуд, инчунин бидуни маҳдуд сохтани маблағ ва талабҳои Бонк, ки аз уҳдадориҳои дар Қоидаҳои мазкур пешбинишуда бармеоянд, пешакӣ пешниҳод карда мешавад.

11.4.4. Бо мақсади бемамониат амалӣ намудани ҳуқуқи Бонк ба хориҷ намудани маблағҳои пулӣ бе супориши Муассиса, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ карда шудаанд, Муассиса уҳдадор мешавад, ки дар мухлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи Ҳамроҳшавӣ, аз рӯи уҳдадориҳое, ки Қоидаҳои мазкур нисбати хориҷ кардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисобҳои дар ташкилотҳои қарзии дигар кушодашуда бе супориши Муассиса пешбинӣ намудаанд, ба Бонк тасдиқи ҳуҷҷатии далелҳои зеринро пешниҳод намояд:

- ба ташкилотҳои қарзии мазкур пешниҳод намудани маълумот дар Бонк ҳамчун шахсе, ки дорои ҳуқуқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо/талабҳои дахлдори ҳисоббаробаркунӣ (пардохтӣ) ё супоришҳои гирандаи маблағҳои пулӣ. – дар шартномаҳо (шартномаҳои иловагӣ) бо ташкилотҳои қарзии мазкур мавҷуд будани шартҳо оиди аксепти пешакӣ додашудаи талабҳои пардохтии Бонк ё пешниҳод намудани

чунин аксепти пешакӣ додашуда дар намуди ҳуҷҷат ё хабари алоҳида.

11.4.5. Дар ҳолати аз ҷониби Низоми пардохт аз Бонк ситонида шудани ҷаримаҳои (тибқи Қоидаҳои Низоми пардохт) марбут бо анҷом додани амалиёт бо истифодаи мушаххасоти кортҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса (бо айби Муассиса), Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк маблағи ҷаримаҳои пардохтнамудаи Бонкро (тибқи тартиби дар б.б. 11.4.1. - 11.4.4. Қоидаҳои мазкур зикршуда) ҷуброн намояд. - ҳаққи хизматҳои Низомҳои пардохтро, ки бо амалӣ намудани корҳои даъвоӣ, ки ба амалиёти мавриди баҳс алоқамананданд, ҷуброн намояд.

11.4.6. Дар рӯзи хориҷ кардани маблағҳои пулӣ аз Суратҳисоби Муассиса, Бонк ба Муассиса дар бораи маблағҳои хориҷшуда ҳисобот медиҳад. Ҳисобот дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад.

11.4.7. Ҳисоботҳо аз рӯи амалиёте, ки тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса анҷом дода шудаанд, ба Муассиса тибқи дархост пешниҳод карда мешавад.

## 12. Ҳудудҳои авторизатсия

12.1. Бо мақсади пешгирии амалиёти қаллобӣ бо кортҳо, Бонк ҳуқуқ дорад ҳудудҳое муқаррар намояд (моҳона, рӯзона, барои як амалиёт ва ғайра), ки ҳангоми Авторизатсияи амалиёте, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса (минбаъд – Ҳудудҳои авторизатсия) анҷом дода мешаванд, ба назар гирифта мешаванд. Феҳрист ва андозаи Ҳудудҳои авторизатсия дар Замимаи № 6 ба Қоидаҳои мазкур оварда шудаанд.

12.2. Бонк ҳақ дорад, ки дар ҳолат аз Ҳудуди авторизатсия барои як амалиёт зиёд будани маблағи амалиёт Авторизатсияи амалиётро рад намояд.

12.3. Бонк ҳақ дорад, ки Авторизатсияи амалиёти минбаъда тавассути Интернет-мағозаи Муассисаро рад намояд, агар маблағи амалиёт дар давраи муайян (моҳ, рӯз ва ғайра.) аз Ҳудуди авторизатсияи барои чунин давра муқарраршуда зиёд шавад. Авторизатсияи амалиёт дар рӯзи тақвимии навбатӣ пас аз анҷом ёфтани давраи амали Ҳудудҳои авторизатсия аз нав шуруъ мешавад (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди б. 12.5. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд).

12.4. Дар ҳолати зарурати тағйир додани Ҳудудҳои авторизатсия, Муассиса ҳақ дорад, ки бо аризаи хаттии мувофиқ ба Бонк муроҷиат намояд. Бонк Аризаи Муассисаро баррасӣ менамояд ва дар ҳолати қабул кардани қарори мусбӣ оид ба имконияти муқарррар намудани Ҳудудҳои авторизатсияи нав барои Муассиса, ба Муассиса ба таври хаттӣ дар бораи андоза ва рӯзи эътибор пайдо кардани тағйиротҳои воридшуда ба Ҳудудҳои авторизатсия маълумот медиҳад.

12.5. Дар ҳолати муқаррар кардани Ҳудудҳои авторизатсияи нав тибқи б. 12.4. Қоидаҳои мазкур, Авторизатсияи амалиёти Интернет-мағоза аз рӯзи эътибор пайдо кардани Ҳудудҳои авторизатсияи нав дубора шуруъ мегардад.

## 13. Мониторинги амалиёт

13.1. Бо мақсади ошкор кардани амалиёте, ки қонунӣ будани онҳо шубҳаовар мебошад, Бонк ҳақ дорад, ки:

- мониторинги (таҳлили) маълумотеро анҷом диҳад, ки дар дархостҳо оид ба авторизатсияи амалиёти дар Интернет-мағозаҳои Муассиса гузаронидашаванда, ки ба МП ворид мешаванд, мавҷуданд;
- мониторинги (таҳлили) феҳристи молҳо/корҳо/хизматрасониҳои тавассути Интернет-мағозаи Муассиса фурӯхташавандаро аз ҷиҳати мутобиқат ба талабот нисбати фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет, ки дар фасли 7 Қоидаҳои мазкур баён шудааст, анҷом диҳад. Иттилооте, ки дар натиҷаи мониторинги мазкур ба даст меояд, метавонад аз ҷониби Бонк барои андешидани чораҳои дар б.б. 13.2.- 13.5. Қоидаҳои мазкур зикршуда ва инчунин барои андешидани чораҳои дигар оид ба пешгирии амалиёти қаллобӣ бо кортҳо истифода шавад.

13.2. Бонк ҳақ дорад, ки дар ҳолатҳои зерин Авторизатсияи амалиёти тавассути Интернет-мағозаи Муассиса амалишавандаро (дар муддати на дертар аз рӯзи кории навбатӣ пас аз рӯзи боздоштани амалиёти авторизатсия ба таври хаттӣ Бонкро дар ин бора огоҳ намуда) боздорад:

- дар ҳолати шубҳаовар будани амалиёт аз ҷиҳати қонуният дар лаҳзаи гузаронидани онҳо (дар асоси маълумоте, ки Бонк дар натиҷаи мониторинги амалиёт ба даст меорад);
- дар ҳолати аз ҷониби Муассиса риоя нашудани талаботҳое, ки нисбати фурӯши молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса тибқи фасли 7 Қоидаҳои мазкур амал мекунанд ва шарти дар б. 8.1. Қоидаҳои мазкур баёншуда;
- дар ҳолати аз ҷониби Бонк гирифтани огоҳиномаи хаттӣ аз Низоми пардохт / нашири корт (аз ҷумла дар намуди электронӣ ва бо факс) дар бораи он, ки амалиёти дар Интернет-мағозаи Муассиса гузаронидашуда қаллобона мебошанд;
- дар ҳолати аз ҷониби Бонк гирифтани огоҳинома аз Низоми пардохт (аз ҷумла дар намуди электронӣ ва бо факс) дар бораи дар Интернет-мағозаи Муассиса аз ҳудуди ҷоиз зиёд шудани (тибқи Қоидаҳои Низоми пардохт) миқдори амалиёт дар як моҳ/ сатҳи иҷозатшудаи гардиши ҳармоҳа аз рӯи амалиёте, ки барои онҳо даъво пешниҳод шудааст. Барои қабул намудани қарор оиди аз нав шуруъ намудани авторизатсияи амалиёте, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса гузаронида мешаванд, Бонк таҳқиқи ҳолатҳои дар боло зикршударо анҷом медиҳад.

13.3. Дар ҳолати шубҳаовар будани амалиёт аз ҷиҳати қонуният дар лаҳзаи гузаронидани онҳо (дар асоси маълумоте, ки Бонк дар натиҷаи мониторинги амалиёт ба даст меорад), Бонк ҳақ дорад, ки ба Муассиса ба таври хаттӣ огоҳинома ирсол намуда, интиқоли Ҷуброн барои чунин амалиётро ба Муассиса боздорад (дар муддати гузаронидани таҳқиқ тибқи

Қоидаҳои Низомҳои пардохт). Қарор дар бораи ба Муассиса интиқол додани Ҷуброн/рад намудани интиқоли Ҷуброн ба Муассиса аз рӯи чунин амалиётро Бонк пас аз анҷом ёфтани таҳқиқи мазкур қабул мекунад.

13.4. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқ аз ҷониби Бонк дар ҳолатҳое, ки дар б. 13.2. Қоидаҳои мазкур баён шудаанд, Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк оид ба амалиёти гузаронидашуда Ҳуҷҷатҳо пешниҳод намояд (тибқи тартиби дар б. 3.1.16. Қоидаҳои мазкур пешбинишуда). Дар ҳолати пешниҳод накардани Ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда ба Бонк, Бонк ҳақ дорад, ки ба Муассиса барои чунин амалиёт ҷуброн интиқол надиҳад.

## 14. Масъулияти тарафҳо

14.1. Барои иҷро накардан ё ба таври лозимӣ иҷро накардани уҳдадориҳои худ мутобиқи Қоидаҳои мазкур, Тарафҳо тибқи муқаррароти Қоидаҳои мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

14.2. Бонк барои ғайриимкон будани Авторизатсияи амалиёт/таҳрифи маълумот ҳангоми анҷом додани авторизатсияи амалиёт дар вазъиятҳои марбут бо халалдоршавии кори таъминоти барномавӣ ва каналҳои алоқаи электронӣ, ки аз доираи назорати Бонк берун мебошанд, масъул нест.

14.3. Бонк барои баҳсҳое, ки байни Муассиса ва муштариён ба амал меоянд ва ихтилофҳо оид ба амалиёти пардохт барои молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса, ки бо халалдоршавии кори таъминоти барномавӣ ва каналҳои алоқаи электронии ҳангоми гузаронидани чунин амалиёт аз ҷониби Муассиса истифодашаванда марбутанд, инчунин дар вазъиятҳое, ки бо таъмини ҳифзи иттилоот аз ҷониби Муассиса ҳангоми гузаронидани амалиёти мазкур ва вазъиятҳои дигаре, ки бо айби Муассиса ба амал меоянд, масъул нест.

14.4. Дар ҳолати аз ҷониби Бонк риоя нашудани муҳлатҳои ба Муассиса интиқол додани Ҷуброн (тибқи б. 11.1.2. Қоидаҳои мазкур), Бонк ба Муассиса (тибқи талаби он) ба андозаи 0,1% аз маблағи саривақт пардохтнашудаи ҷуброн барои ҳар як рӯзи таъхир (ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар банди п. 11.1.6. Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд) ҷарима месупорад. Ҷарима бо роҳи интиқоли маблағи он ба Суратҳисоби Муассиса пардохт карда мешавад.

14.5. Муассиса барои баҳсҳо ва ихтилофҳое, ки байни Бонк ва дорандагони корт дар мавриди амалиёти пардохт барои молҳо/корҳо/хизматрасониҳо тавассути Интернет-мағозаи Муассиса ба амал меоянд ва бо халалдоршавии кори таъминоти барномавӣ ва каналҳои алоқаи электронии ҳангоми гузаронидани чунин амалиёт аз ҷониби Бонк истифодашаванда марбутанд, инчунин дар вазъиятҳое, ки бо таъмини муҳофизати иттилоот аз ҷониби Бонк ҳангоми гузаронидани амалиёти мазкур ва вазъиятҳои дигаре, ки бо айби Бонк ба амал меоянд, масъул нест.

14.6. Муассиса уҳдадор аст, ки ба Бонк ҳама гуна зиёнҳоро ҷуброн намояд, агар чунин зиёнҳо ба Бонк аз сабаби фурӯш тавассути Интернет-мағозаҳои Муассиса молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки фурӯшашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои Низомҳои пардохт

тавассути Интернет манъ карда шудааст, расонида шуда бошанд ва инчунин зиёнҳои дигари бонкро ҷуброн намояд, ки бо гузаронидани амалиёт бо истифодаи мушаххасоти кортҳо дар доираи Қоидаҳои мазкур алоқаманд ҳастанд, ба шарте ки онҳо бо айби Муассиса ба амал омада бошанд (дар ҳолати аз ҷониби Бонк ба Муассиса пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки расидани чунин зиёнҳо ба Бонкро тасдиқ мекунанд).

14.7. Муассиса уҳдадор аст, ки бо дархости Бонк (ки он тавассути факс/почтаи электронӣ қабул кардааст) аз сомонаи Интернет-мағозаи Муассиса тибқи нишондоди Бонк ҳама гуна маълумот оид ба Низомҳои пардохтро, ки Муассиса дар сомонаи мазкур ҷой додааст, дар рӯзи гирифтани чунин дархост нест кунад.

14.8. Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳои худ тибқи Қоидаҳои мазкур аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агр чунин ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳо дар натиҷаи ҳодисаҳои рафънопазир ба амал оянд, ки ба онҳо ҳодисаҳое дохил мешаванд, ки Тарафҳо наметавонистанд ва вазифадор набуданд, ки онҳоро пешбинӣ ё пешгирӣ намоянд, аз ҷумла офатҳои табиӣ, амалиёти низомӣ, корпартоиҳо, бетартибиҳои оммавӣ, ва инчунин эътибор пайдо кардани санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои ҳукумат ва фармонҳои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки барои иҷро аз ҷониби яке аз Тарафҳо ҳатмӣ мебошанд ва ба иҷрои уҳдадориҳо тибқи Қоидаҳои мазкур монеъ мешаванд (форс-мажор). Дар сурати ба амал омадани ҳолатҳои форс-мажор, Тараф бояд дар муддати 7 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ба амал омадани онҳо Тарафи дигарро ба таври хаттӣ огоҳ намояд.

Тарафҳо қонунгузорӣ оид ба мубориза бо коррупсия ва муқовимат ба қонунигардонии ("расмикунии") даромадҳои ба роҳи ҷиноят бадастовардаро риоя менамоянд ва уҳдадоранд, ки онро риоя хоҳанд кард (минбаъд – Меъёрҳои зиддикоррупсионӣ). Дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои худ, Тарафҳо ҳеҷ гуна амалҳоеро содир намекунанд (аз беамалӣ даст мекашанд), ки ба Меъёрҳои зиддикоррупсионӣ мухолиф мебошанд ва тамоми талошҳои аз ҷониби қонунгузорӣ иҷозатшударо барои таъмин намудани риояи Меъёрҳои зиддикоррупсионӣ аз ҷониби ташкилотҳои фаръӣ, вобаста ва шарики худ ба харҷ медиҳанд.

**Замимаҳо**

Замимаи №1 - Феҳристи Низомҳои пардохт, ки кортҳои онҳо аз ҷониби Муассиса барои пардохти молҳо/корҳо/хизматрасониҳо қабул карда мешаванд ва андозаи ҳаққи хизмате, ки Бонк меситонад.

Замимаи №2 - Ариза оид ба хизматрасонии (тағйир додани параметрҳои) Интернет-мағозаи Муассиса.

Замимаи №3 - Категорияҳои молҳо/корҳо/хизматрасониҳое, ки тавассути Интернет-мағозаи Муассиса ба фурӯш бароварда мешаванд.

Замимаи №4 - Ҳудудҳои авторизатсия.